Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА- 002-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ғафforзода Илёсҷон Ғаффор дар мавзӯи «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждагӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Мавзӯи рисола, нақша, маводҳои илмию амалии дар рисола истифодашуда, натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар доираи тадқиқот манзуршуда ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждагӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Кӯдак таҳтиҳимоя ва ғамхории давлат қарор дорад. Онҳо ояндаи миллат ва давлат мебошанд. Аз ҳамин лиҳоз дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ба кӯдакон аҳамияти махсус медиҳанд. Масалан, дар аксари соҳаҳои тиб ташхис ва табобати кӯдаконро аз калонсолон ҷудо карда истодаанд. Дар истеҳсолот ҳам барои кӯдакон бахши алоҳида мебошад. Дар ҳамин радиф ҳуқуқ истисно нест. Балки ҳуқуқ нисбати дигар соҳаҳо дар инҷода боз ҳам ҳассостар мебошад. Аз ҳамин ҷиҳат солҳои охир вобаста ба вазъи ҳуқуқии кӯдак рисолаҳои гуногуни илмӣ эҷодшуда истодаанд.

Дар ибтидои рисола муаллиф мубрамияти мавзӯъро дуруст арзёбӣ карда чунин тавсиф менамояд: “Кӯдак субъекти муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ буда, вазъи ҳуқуқии он дорои хусусиятҳои зиёд мебошад, ки

тадқиқи алоҳидаро талаб мекунад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ вазъи ҳуқуқии кӯдак, асосан, аз лиҳози ҳуқуқи оила баррасӣ гардида, дар доираи ҳуқуқи гражданӣ сухан дар бораи «ноболиғ» меравад. То ҳол номаълум боқӣ мемонад, ки оё кӯдак ва ноболиғ ҳамон як субъекти дорои вазъи ҳуқуқии гуногун ва ё онҳо субъектони комилан мустақил мебошанд. Ба андешаи рисоланавис, консепсияи вазъи ҳуқуқии кӯдак ягона буда, дарки гуногуни он бинобар иштирок дар муомилот бо номҳои гуногун қобили қабул нест. Бояд дар тамоми қонунгузорӣ сухан дар бораи «кӯдак» равад. Дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мафҳуми мазкур истифода мешавад.

Муомилоти муосири гражданӣ низ талаб менамояд, ки нисбат ба вазъи ҳуқуқии кӯдак муносибати васеътар карда шавад. Масалан, имрӯз алоқаи мутақобилаи вазъи кӯдак дар қонунгузории гражданӣ ва оилавӣ бебаҳс мебошад (масалан, шахсе, ки тибқи Кодекси оилаи ҶТ то 18-солагӣ ақди никоҳ мебандад, тибқи Кодекси граждании ҶТ дорои қобилияти пурраи амалкунӣ мегардад; тибқи Кодекси граждании ҶТ эмансипатсия эълон шудан боиси тибқи Кодекси оилаи ҶТ қатъ гардидани уҳдадории алиментдиҳӣ мегардад ва ғайра).

Вобаста ба вазъи ҳуқуқии кӯдак дар қонунгузории гражданӣ ва оилавӣ бисёр масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондааст. Масалан, вазъи ҳуқуқии кӯдаки таваллуднашуда, аҳдҳое, ки кӯдаки то 6-сола бастааст ва ғайра. Чунин ҳолат ба таври ҷиддӣ ва ногузир талаб менамояд, ки вазъи ҳуқуқии кӯдак дар соҳаи ҳуқуқи хусусӣ таҷдиди назар карда шавад. Бастани шартномаҳо бо истифодаи интернет (масалан, кӯдаке, ки ҳангоми бозӣ кардан тавассути интернет ин ё он барномаи компютериро боргирӣ мекунад ва бо шартҳои истифодаи барнома ризоят медиҳад), масъалаи дастрасӣ ба иттилоот, субъекти муносибатҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ будан ва ғайра муносибати махсус ва таҳлили амиқи илмиро талаб мекунанд” (с. 4-5).

Ҳарчанд атрофи ҳамин масъала баъзе таҳқиқотҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо маҳз масъалаҳое, ки муаллиф дар рисола баррасӣ кардааст, аз масъалаҳои дигар тадқиқотҳо фарқ намуда, назари хоси эҷодиро ифода кардааст. Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани як қатор холигиҳо дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст. Аз ҳамин лиҳоз рисола дар шароити ҳозира ҳамчун кори илмӣ-назариявӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Бинобар далелҳои зикршуда мубрамияти илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор ягон шаку шубҳаеро ба вуҷуд намеорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо, ки дар бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» муайян карда шудаанд, таҳия гардидаанд. Рисола кори мустақили илмӣ-тахассусӣ ба шумор рафта, натиҷаи он барои рушди илм ва қонунгузории гражданию оилавӣ заминаҳои зарурииро фароҳам меорад. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шудааст, ягонагии дохилӣ дорад, дорои натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимояи ошкор пешниҳодшаванда мебошад, ки онҳо дар бораи саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад. Дар диссертатсия маълумот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои илмии аз тарафи муаллифи диссертатсия бадастовардашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи хулосаҳои илмӣ оварда шудаанд. Роҳи ҳалли масъалаҳои пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия асоснок ва сазовор ба баҳои мусбӣ мебошанд.

Муаллиф проблемаҳои хоси соҳаро баррасӣ кардааст. Таҳлилҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва баҳсҳои илмии муаллиф аз мавқеи мустақили ӯ дарак медиҳад. Ном, нақша ва навишти рисола ягонагии дохилӣ дорад ва пайдарҳаму мантиқона ифода шудааст.

Ба ҳимоя муқарраротӣ илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Асоснок шудааст, ки вазъи ҳуқуқии кӯдак дар замони муосир натиҷаи таҳаввулоти таърихии танзими ҳуқуқии масъалаҳо вобаста ба кӯдак мебошад. Бинобар ин баррасии вазъи хоси ҳуқуқии кӯдак дар ҷараёни рушди таърихӣ ба мақсад мувофиқ буда, барои асоснок намудани мустақилияти кӯдак ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ усули мақсадноки илмӣ маҳсуб меёбад. Омӯзиши таърихии масъала нишон медиҳад, ки ба масъалаи вазъи ҳуқуқии кӯдак дар давраҳои гуногун ба таври мухталиф таваҷҷуҳ шуда, байни низоми ҳуқуқӣ, навъи давлат ва ғайра бо вазъи ҳуқуқии кӯдак робитаи бевосита ҷой дорад. Дар тамоми низомҳои ҳуқуқии таърихӣ ҳолати ҳуқуқии кӯдак бевосита бо вазъи ақди никоҳ ва ҳолати ҳуқуқии оила вобаста буд. Тадриҷан то ҳадди муайян қонунгузор нисбат ба фарзандон мустақилияти молумулкиро эътироф намудааст. Бо ин роҳ қобилияти ҳуқуқдории граждании фарзандон рушд намуда, онҳо субъекти ҳуқуқҳои гражданӣ шуданд ва ҳамзамон ба таркиби ҷомеаи шаҳрвандӣ дохил гардиданд. Ин роҳи мураккаби тайнамудаи таърихӣ буда, дар ин марҳила ҳокимияти мутлақи падарӣ нисбат ба фарзандон барҳам хӯрд, вале осори он то ҳол боқӣ мондааст. Таъсири ин «қолаб» то ба ҳол ҷой дошта, бо ҳамин сабаб баррасии вазъи ҳуқуқии кӯдак бояд дар алоқамандии мутақобила баррасӣ карда шавад. Дар замони муосир низ арзёбии масъала бидуни баррасии ҳуқуқу уҳдадориҳои мутақобилаи падару модар ва фарзанд имконнопазир мебошад. Кӯдак ҳанӯз ҳам дар сарҳади «ҳокимият»-и падару модар ва тақдири молу мулки онҳо қарор дорад. Бо ҳамин мақсад коркарди консепсияи ҳуқуқи кӯдак дар ҳуқуқи хусусӣ зарур арзёбӣ мегардад.

2. Дар маҷмӯъ, дар меъёрҳои ҳуқуқии зардуштия дар тафовут аз ҳуқуқи римӣ ва ҳуқуқи мусулмонӣ ҳуқуқҳои инсон сарфи назар аз баромади этникӣ, шаҳрвандӣ, ҷинс, мансубияти динӣ, ақди никоҳ, синну

сол ва ғайра бештар инъикосу мустаҳкам шудаанд. Ҳуқуқи кӯдак ҳанӯз аз замони дар батни модар будан мавриди ҳимоя қарор дошт, ҳарчанд дар он мафҳумҳои «қобилияти ҳуқуқдорӣ», «субъекти ҳуқуқ» ва ғайра истифода нашудааст. Дар сарчашмаҳои зардуштӣ ҳамчунин муқаррарот вобаста ба фароҳам овардани шароит ҷиҳати таваллуди фарзанди солим ва рушди минбаъдаи он мустаҳкам шудааст. Баррасии масъала нишон дод, ки дар тафовут аз низомҳои ҳуқуқии қадима ва ҳатто дар баъзе масъалаҳо аз низомҳои ҳуқуқии муосир, дар ҳуқуқи зардуштия танзими рафтор фақат бо меъёри манъкунанда маҳдуд намешуд. Барои таъмини амалигардии дурусти меъёрҳо муқаррароти мусоидаткунанда низ ҷой дошт. Идомаи таҷрибаи таърихӣ имрӯз низ баҳри ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак зарур мебошад. Вобаста ба масъалаи вазъи ҳуқуқии кӯдак дар ҳуқуқи мусулмонӣ дар маҷмӯъ, бояд қайд намуд, ки байни меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ва қонунгузории дунявии имрӯза вобаста ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак умумиятҳои зиёд ҷой дошта, ин низомҳо ҳамвора вазъи махсуси кӯдакро эътироф ва ҳимоя мекунанд. Албатта, барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ин категорияи субъектон тарзу усулҳои гуногун мавриди корбурд қарор доранд. Сарфи назар аз мавҷудияти баъзе меъёрҳое, ки ба стандартҳои муосири ҳуқуқи инсон ва қонунгузории муосири Тоҷикистон мувофиқ нестанд, вобаста ба шароити таърихӣ низомҳои ҳуқуқии баррасишуда пешрафта ва муҳим арзёбӣ мегарданд. Бинобар ин, арзиши меъёрҳои ҳуқуқии таърихӣ бояд маҳз дар муқоиса бо замони қаблӣ, шароити мушаххаси таърихӣ ва умумияту ягонагӣ бо муқаррароти қонунгузории муосир арзёбӣ карда шавад.

3. Вазъи ҳуқуқии кӯдакон дар даврони шӯравӣ тағйир ёфта, кӯшишҳои олимон ҷиҳати асосноккунии ақидаи даст кашидан аз оила ва тарбияи фарзандро ба давлат вогузор намудан авҷ гирифт. Новобаста ба ин, меъёрҳои зиёде дар қонунгузорӣ пайдо шуданд, ки баҳри мустаҳкамии оила ва таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона

гардидаанд. Аз таҳлили қонунгузории ин замон ба хулоса омадан мумкин аст, ки давлат фаъолона ба муносибатҳои оилавӣ дахолат мекунад, чунки ин соҳа ба доираи амали ҳуқуқ ва афзалияти давлат марбут дониста шуда, кӯдак аз объекти ҳокимияти падару модар ба объекти сиёсати давлатӣ «табдил» ёфт, бинобар ин, кӯшишҳои таъсиси ҳуқуқи кӯдак, ки дар он кӯдак субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ буд, самара надод.

4. Исбот шудааст, ки дар ҳуқуқи хусусӣ ду навъи ҳолати ҳуқуқии кӯдак бояд фарқ карда шавад:

1) кӯдаконе, ки дорои қобилияти пурраи амалкунӣ намебошанд (тамоми кӯдаконе, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд) ва нисбат ба онҳо ҳуқуқҳои падару модар, ки дар боби 12 КО ҶТ пешбинӣ шудааст, татбиқ мегардад;

2) кӯдаконе, ки дорои қобилияти пурраи амалкунӣ мебошанд, ҳарчанд ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд (бинобар бастани ақди никоҳ ё дорои қобилияти пурраи амал – эмансипатсияшуда эътироф кардан) ва нисбат ба онҳо ҳуқуқҳои падару модар, ки дар боби 12 КО ҶТ пешбинӣ шудааст, татбиқ намегардад.

Ба чунин навъҳо ҷудо кардани кӯдакон пайомадҳои муайяни ҳуқуқиро ба миён меорад.

5. Муаллиф масъалаҳои марбут ба таносуби мафҳумҳоро тадқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки мафҳумҳои «кӯдак» ва «ноболиғ» ҳаммаъно мебошанд, ба шарте сухан дар бораи вазъи умумии ҳуқуқи кӯдак равад. Агар зарурат ба мушаххасгардонӣ ва маънидоди мазмуни меъёрҳои алоҳида равад, чунин мавқеъгирӣ ғалат аст. Асоснок шудааст, ки мафҳуми «кӯдак» мафҳуми умумии ифодакунандаи аломатҳои универсалӣ мебошад ва нисбат ба ҳама шахсоне татбиқ мегардад, ки ба синни 18 нарасидаанд. Зимнан мафҳуми мазкур тобеияти соҳавӣ надошта, истифодаи он яксон дар ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, ҳатто соҳаҳои ҳуқуқи оммавӣ – ҳуқуқи

ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ғайра ҷоиз аст. Пас, мафҳумҳои «ноболиғ», «хурдсол», «наврас» бо мафҳуми умумии «кӯдак» фаро гирифта шуда, муносибати дуруст арзёбии маҷмӯи масъала мебошад, вагарна вазъи ҳуқуқии кӯдак нопурра ва номуайян боқӣ мемонад. Бо ҳамин сабаб барои дақиқ намудани вазъи кӯдак дар қонунгузории соҳавӣ баррасии маҷмӯӣ ва тафриқавии масъала тавсия шудааст.

6. Исбот шудааст, ки истифодаи ибора ва категорияи «вазъи ҳуқуқии кӯдак» дар ҳуқуқи гражданӣ ҷоиз буда, аз нуқтаи назари ҳуқуқи гражданӣ мафҳумҳои «ноболиғ» ва «хурдсол» бо назардошти қобилияти амалкунии граждании фард истифода мешаванд.

7. Хусусиятҳои вазъи ҳуқуқӣ ифодаи махсусияти равонию физиологӣ мебошанд. Пас, ба даст овардани қобилияти пурраи амалкунӣ ҳаргиз маънои аз байн рафтани «кӯдакӣ» намебошад. Ба ин маъно муаллиф ба тафсири муқаррароти Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, ки истисноро дар фаҳмиши кӯдак бо вазъи ҳуқуқӣ рабт медиҳанд мухолиф мебошад. Муқаррароти Конвенсия вобаста ба балоғат бояд ҳамчун синни равонию физиологӣ тафсир карда шавад. Яъне қонунгузории ҳар як давлат метавонад синни балоғатро муайян намояд. Вобаста ба ин синну сол вазъи ҳуқуқии кӯдак муқаррар карда мешавад. То расидан ба ин синну сол агар кӯдак қобилияти пурраи амалкуниро ба даст орад, ӯ субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои ҳуқуқӣ мегардад, вале на ба маънои равонию физиологӣ. Танҳо аз лиҳози ҳуқуқӣ қонунгузории ин ё он давлат вазъи ҳуқуқии ӯро (ҳамон ҳам дар муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ) бо вазъи ҳуқуқии шахси болиғ баробар менамояд. Аз ин рӯ, наметавон чунин тафсир намуд, ки кӯдаки эмансипатсияшуда ҳуқуқи бастани ақди никоҳ ва ё кӯдаки ақди никоҳбаста ҳуқуқи фарзандхондиро дорад.

8. Дар КО ҶТ меъёрҳое мавҷуданд, ки аз омехтагӣ ва ҳаммаъноии истилоҳи «кӯдаки ноболиғ» ва худи «ноболиғ» шаҳодат медиҳанд. Ҳарчанд истифодаи мафҳумҳои гуногун аз хусусияти вазъи ҳуқуқӣ

вобаста аст, дар муносибатҳои оилавӣ, дар маҷмӯъ, зарурати чунин тафриқасозӣ ҷой надорад. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки дар тамоми матни КО ҶТ ва, умуман, ҳуқуқи оила истилоҳи ягонаи умумии «кӯдак» истифода бурда шавад.

9. Вазъи ҳуқуқии кӯдак чун субъекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ чораҳои махсуси ҳимоявиро талаб менамояд. Қонунгузор ҳолатҳои гуногуни равонӣ ва синнусолиро ба инобат гирифта, ин «нопуррагӣ»-ро тавассути институти намояндагони қонунӣ пурра намудааст. Ин вазъият паҳлуи дигар дорад – бархӯрди манфиати кӯдак бо манфиати намояндаҳо. Аз ин рӯ, коркарди консепсияи ҳуқуқи кӯдак дар ҳуқуқи хусусӣ зарур мебошад, дар акси ҳол мустақилияти кӯдак ҳамчун субъекти ҳуқуқ таъмин намегардад.

10. Ҳуқуқи кӯдак дар маҷмӯъ зуҳуроти бандубастнашудаи ҳуқуқӣ буда, аз лиҳози методологӣ онро байнисоҳавӣ ва комплексӣ арзёбӣ карда, дар ин ё он соҳаи ҳуқуқ вазъи ҳуқуқии кӯдакро мушаххас намудан мумкин аст. Зимнан дар ҳар як соҳаи ҳуқуқ «вазъи махсус»-и ҳуқуқии кӯдакро нишон додан мумкин аст.

Ба андешаи муаллиф нисбат ба проблемаи мазкур аз ду паҳлу бояд муносибат карда шавад: (1) вазъи ҳуқуқии кӯдак ҳамчун субъекти ҳуқуқ; (2) вазъи ҳуқуқии кӯдак дар ҳар як соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ.

11. Асоснок шудааст, ки дар ҳуқуқи гражданӣ истифодаи истилоҳи «қобилияти амалкунии қисмӣ» имконпазир мебошад. Ба андешаи муаллиф, инкори истилоҳи мазкур бо асосҳои зерин мувофиқи мақсад намебошад: 1) таърихан ин намуди қобилият аз даврони ҳуқуқи римӣ қобилияти амалкунӣ эътироф шудааст; 2) қонунгузор чун анъана ин намуди қобилиятро қобилияти амалкунӣ эътироф намудааст; 3) дар сурати инкор аз ду сар зарурати «номгузорӣ»-и ин намуди қобилият пеш омада, ҷустуҷӯи институти нав ягон навгониро ба бор намеорад, баръакс он боз такрори нишонаҳои қобилияти амалкунӣ шуда, масъаларо мураккабтар менамояд.

12. Асоснок шудааст, ки кӯдак субъекти мустақили ҳуқуқи граждани̅ буда, ба чунин сифат тамоми унсурҳои талабшавандаро доро аст. Таҳлил нишон дод, ки кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии граждани̅ ва оилави̅ дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян буда, дар ин ё ин ҳаҷм иштирокчии фаъол мебошад. Бо ҳамин асосҳо ба ақидаи дар адабиёти ҳуқуқи̅ баёншуда оид ба он, ки кӯдак ба маънои асли̅ ғайри қобили амал буда, дар ҳамин нишонаи асосии кӯдак ҳамчун субъекти махсуси ҳуқуқ ифода меёбад, наметавон рози̅ шуд. Баръакс, вазъи ҳуқуқии кӯдак дорои хусусиятҳоест, ки дар маҷмӯъ субъекти махсуси ҳуқуқ будани кӯдакро муайян менамоянд.

13. Таҳлили қонунгузории оилави̅ нишон дод, ки дар тафовут аз қонунгузории граждани̅ дар он мафҳумҳои қобилияти ҳуқуқдори̅ ва амалкунии оилави̅ ҷой надорад. Онро ҷузъи қобилияти ҳуқуқдори̅ ва амалкунии граждани̅ ва ё мустақил эътироф намудан баҳснок мебошад. Дар асоси мавқеъгирии муаллиф, ки кӯдак дар соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ вазъи махсусро доро буда, дар бораи қобилияти ҳуқуқдори̅ ва амалкунии махсуси он сухан рондан ҷоиз аст. Муаллиф асоснок кардааст, ки кӯдак ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии оилави̅ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқи хусуси̅ бе уҳдадори̅ буда наметавонад, сарфи назар аз он ки дар қонунгузории оилави̅ уҳдадориҳои ӯ бевосита дарҷ нагардидаанд.

14. Исбот шудааст, ки функсияи тарбиявии оила имрӯзҳо коста гардида, масъулият аксаран ба зиммаи давлат ва ҷомеа гузошта мешавад, ки ин раванд проблемаи навро эҷод намуда истодааст. Таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар оила аз тарафи қонунгузори̅ кафолат дода шуда, танҳо дар ҳоле амали̅ мегардад, ки падару модар уҳдадориҳои худро ба таври дахлдор иҷро намоянд. Ҳангоми ҷой надоштани иҷрои дахлдори уҳдадории падару модар шароити ҳифзи фарзандон паст мегардад. Дар доираи таҳқиқот исбот шудааст, ки ба амал баровардани ҳуқуқҳои падару модар ҳамзамон иҷрои уҳдадории падару модар мегардад. Проблемаи назарии мазкур ба баҳсҳои умумитар – ҳуқуқу

уҳдадориҳои субъективӣ бурда мерасонад. Дар баробари ин, баҳсҳои мазкур танҳо назарӣ набуда, аҳамияти амалӣ низ доранд. Инъикоси ин баҳсҳои назариявиро дар таҷрибаи қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дидан мумкин аст, ки сарҳади сурхи байни ҳуқуқу уҳдадориҳои мазкурро муайян намудааст.

Дар асоси муқаррароти зикргардида ва бо назардошти алоқаи зичи мутақобилаи таълиму тарбия дуруст мебуд ҳуқуқҳои дахлдори падару модарро, ки «ҳуқуқ (уҳдадорӣ)-и падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон» номгузорӣ намоем, аз ҷумла дар қонунгузорӣ (дар иртибот бо ин охирин тағйироти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаи 34 қобили дастгирӣ мебошад).

15. Вазъи ҳуқуқии кӯдакро дар иртибот бо қобилияти деликтӣ ва ҷавобгарӣ баррасӣ намуда, муаллиф асоснок намудааст, ки ҷузъи мустақили қобилияти субъекти ҳуқуқ будан ва ё дар таркиби қобилияти амалкунӣ будани қобилияти деликтӣ муҳим нест. Муҳим он аст, ки шахс бе доштани қобилияти деликтӣ низ метавонад дорои қобилияти амалкунӣ бошад ва мувофиқан бе доштани қобилияти деликӣ қобилияти субъекти ҳуқуқ буданро доро бошад. Дар ин асос муаллиф чунин таъриф додани қобилияти деликтии гражданиро зарур мешуморад, ки он ҳамчун унсури қобилияти субъекти ҳуқуқи дахлдор будан аст ва моҳияташ дар он аст, ки субъекти ҳуқуқи гражданӣ дар ҳудуди пешбининамудаи қонун дорои қобилияти ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ мебошад.

16. Марҳилаҳои ташаккул ва рушди ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар қонунгузории оилавӣ асоснок шудаанд. Пешниҳод мегардад, ки такмили минбаъдаи КО ҶТ дар ин масъала имрӯз зарурати объективӣ буда, бояд номгӯи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии кӯдак васеътар карда шавад. Инро марҳилаи дуюми такмили ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии кӯдак номидан мумкин аст – вақте гузариш аз эътирофи вазъи ҳуқуқии мустақили кӯдак (марҳилаи якум) ба зинаи

такмил ва васеъгардонии он сурат мегирад. Ҳуқуқи кӯдак ба донистани падару модар дар шароити фарзандхондӣ, таваллуди кӯдак аз модари мавридӣ ва ё бо роҳи ҷойгирсозии ҷанин, ки бо пайдоиши технологияҳои нави репродуктивӣ имрӯзҳо рушд намуда истодааст, ҳуқуқи кӯдак ба ҳимоя аз иттилоот, тарғиб ва ташвиқе, ки ба саломатӣ ва рушди ахлоқию рӯҳии ӯ зарар доранд ва ғайра аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки бояд бетаъхир танзим карда шаванд.

17. Пешниҳод шудааст, ки тамоми уҳдадориҳои алиментдиҳӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ва дарҷ намудани вазъи махсуси он бояд ба ду гурӯҳ ҷудо карда шаванд:

- уҳдадориҳои алиментдиҳӣ нисбат ба кӯдакон;
- уҳдадориҳои алиментдиҳӣ нисбат ба болиғон.

Маълум аст, ки алиментгирандагон муҳтоҷон ва шахсони дар ҳолати оҷизӣ қарордошта мебошанд, вале барои кӯдакон ин ҳолат дукарата вазнин аст. Онҳо ҳам муҳтоҷи таълиму тарбия ва нигоҳубин мебошанд ва ҳам муҳтоҷи таъминот. Аз ин рӯ, ҷудо намудани вазъи ҳуқуқии алиментгирии онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

18. Бо мақсади дақиқ намудани ҳолатҳое, ки кӯдак ҳуқуқ ба алимент дорад, категорияҳои зерин ҷудо карда шудаанд:

1) аз падару модар – дар ҳама ҳолат;

2) аз ҳамсаре, ки маблағи зарурӣ дорад, агар ӯ ғайри қобили меҳнати эҳтиёҷманд; зан дар давраи ҳомиладорӣ ва дар давоми се соли пас аз таваллуди фарзанди умумӣ; ҳамсари муҳтоҷе, ки фарзанди умумии маъюби то ҳаждаҳсола ё фарзанди умумии маъюби модарзоди гурӯҳи якумро нигоҳубин мекунад, бошад;

3) аз ҳамсари собиқе, ки маблағи зарурӣ дорад, агар ӯ зани собиқ дар давраи ҳомиладорӣ ва дар давоми се соли пас аз таваллуди фарзанди умумӣ; ҳамсари собиқи муҳтоҷе, ки фарзанди умумии маъюби то ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидан ва фарзанди умумии маъюби модарзоди гурӯҳи якумро нигоҳубин мекунад; ҳамсари собиқи ғайри қобили

меҳнати муҳтоҷе, ки қобилияти меҳнатро то бекор кардани ақди никоҳ аз даст додааст, бошад;

4) аз бародарону хоҳарони болиғи қобили меҳнат, ки маблағи заруриро доранд, агар ӯ муҳтоҷи ёрӣ бошад;

5) аз бобою бибӣ, ки дорои маблағи зарурӣ мебошанд, агар ӯ муҳтоҷи ёрӣ бошад.

Аз ин таҳлилҳо бармеояд, ки қонунгузор аз 11 ҳолати вогузории уҳдадории супоридани алимент дар 5 ҳолат онро нисбат ба кӯдакон пешбинӣ намудааст. Мутаассифона, на дар ҳамаи ин ҳолатҳо ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ба инобат гирифта шудаанд. Бинобар ин, муаллиф пешниҳод намудааст, ки дар ҳамаи ҳолатҳо, сарфи назар аз имконият ва доштани маблағи зарурӣ, бояд алимент нисбат ба кӯдак муқаррар карда шавад (истисно танҳо ҳолате аст, ки худи алиментдиҳанда кӯдак бошад).

19. Бо мақсади таҳкими асосҳои ахлоқӣ ва пурзӯр намудани масъулияти мутақобилаи падару модар ва фарзандон пешниҳод шудааст, ки уҳдадории алиментдиҳии кӯдак нисбат ба падару модари ғайри қобили меҳнат ва муҳтоҷ низ муқаррар карда шавад. Дар муносибатҳои алиментдиҳӣ байни фарзанди болиғ ва фарзанди ноболиғе, ки эмансипатсия шудааст, набояд ягон тафовут ҷой дошта бошад. Бо риояи шартҳои муайян ва дар мавриди зарурӣ қонунгузор бояд ҳама фарзандонеро, ки имконияти дахлдор доранд, барои таъмини падару модар уҳдадор намояд. Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдаке, ки уҳдадории алиментдиҳӣ дорад, пешниҳод шудааст, ки ин уҳдадорӣ бо шарти ҷой доштани яке аз ҳолатҳои зерин муқаррар карда шавад:

1) ба даст овардани қобилияти пурраи амалкунӣ аз ҷониби кӯдак бинобар бастани ақди никоҳ ва ё эмансипатсия;

2) соҳиби фарзанд шудани кӯдак аз 17-солагӣ.

Ҳамзамон муаллиф дар 6 қисм пешниҳодҳои худро барои такмили ҳуқуқҳои кӯдак дар қонунгузории оилавӣ, гражданӣ ва манзилӣ пешинҳод кардааст.

Нуктаҳои илмии манзуршаванда ба назари мо ҷолиби диққат буда, заминаи муҳими илмиро барои такмили қонунгузорӣ фароҳам меоварад. Ҳамзамон муқаррароти илмии 12 ва пешинҳодҳои №4 ва №5, ки барои такмили қонунгузорӣ манзур шудаанд баҳснок мебошанд, ки мо дар бораи онҳо дар охири тақриз андешаҳоро мухтасар баён хоҳем кард.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Муқаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Заминаҳои амалии тадқиқотро таҷрибаи ватанӣ ва мақомоти давлатии ваколатдор ташкил додааст. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии ташкил додаанд.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, дар дигар корҳои илмӣ, ки ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии кӯдак ва умуман ҳуқуқи оилавӣ бахшида шудаанд, метавонанд мавриди корбурд қарор гиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар такмили қонунгузории гражданӣ ва оилавӣ истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи гражданӣ, курсҳои тахассусмандӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносии макотиби олии кишвар истифода бурда шаванд.

Аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии рисола дар он мебошад, ки он ба беҳтар намудани вазъи ҳуқуқии молумулкии кӯдак равона шуда, мавқеи ӯро дар ҷомеа аз лиҳози иҷтимоӣ мустаҳкам менамояд.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Рисоланавис муаллифи зиёда аз 42 кори илмӣ мебошад. Ҳамагӣ вобаста ба таҳқиқот 1 китоби дарсӣ, 13 васоити таълимӣ, 3 монография ва 17 мақола дар маҷаллаҳои пешбари тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсияҳои докторӣ интишор шудаанд. Ҳаҷми умумии интишорот 100 ҷузъи чопӣ мебошад. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар маводи нашргашта инъикос ёфтаанд.

Нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаи диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва маъқул дониста шудааст. Муқаррароту хулосаҳо аз рӯи тадқиқот дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баррасӣ шудаанд, аз ҷумла дар конфронсҳои байналмилалии «Ҳуқуқи гражданӣ ва нақши он дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ» (соли 2013, ш. Душанбе); «International Conference on Human Resource Development: Building and Sustaining Capacity» (12-16 майи соли 2014, ш. Вена), конфронсҳои ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати омӯзгорону профессорӣ ва кормандони ДМТ бахшида ба «25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2016); Маводи конфронсҳои чумҳуриявии илмию назариявии ҳайати омӯзгорону профессорӣ ва кормандони ДМТ бахшида ба «20-

солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон» (Душанбе, апрели 2017); Маводи конфронси илмию назариявии ҳайати омӯзгорону профессорӣ ва донишҷӯён бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми I. Душанбе, 2011 Паёми Суди конститутсионии ҶТ (Маҷаллаи илмию иттилоотӣ). (Душанбе, 2011. №4); Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати омӯзгорону профессорӣ ва кормандони ДМТ, бахшида ба «Анҷоми 10-солаи саводнокгардонии СММ (солҳои 2003-2012): таҳсилот барои ҳама». Қисми II. Душанбе, 2012; Нақши Конститутсия дар рушди соҳаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конфронси илмию амалӣ). Душанбе, 2012; Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати омӯзгорону профессорӣ ва кормандони ДМТ, бахшида ба «Қабули эъломияи СММ дар бораи 10-солаи байналмилалии ҳамгироии фарҳангҳо (солҳои 2013- 2022)» (Қисми I. Душанбе, 2013) ва ғ. дар рафти гузаронидани лексия аз фанҳои ҳуқуқи римӣ ва ҳуқуқи гражданӣ дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ҳангоми омода намудани адабиёти таълимию методӣ истифода мегарданд.

**Ба талаботи КОА мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Диссертатсияи баррасишаванда вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва рӯихати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 4 боб, 15 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 369 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

**Боби якум** - ҳаҷман хеле фаррох буда, зери номи **«Заминаҳои таърихӣ ва зеҳнии пайдоиши консепсияи вазъи ҳуқуқии кӯдак»**, аз чор зербоб таркиб ёфтааст ва ба баррасии чунин масъалаҳо бахшида шудааст: ҳуқуқи римӣ ва ҳуқуқи кӯдак; таҷрибаи таърих барои қонунгузории муосир; таносуби категорияҳои «кӯдак», «ноболиғ» ва «хурдсол» дар консепсияи ҳуқуқҳои кӯдак; танзими ҳуқуқҳои кӯдак дар марҳилаи шӯравии рушди ҳуқуқи Тоҷикистон ва таносуби он бо зеҳнияти миллии ҳуқуқӣ; хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар ҳуқуқи зардуштия ва мусулмонӣ.

Муаллиф дар натиҷаи омӯзиши адабиёти ҳуқуқӣ ва воқеияти ҳуқуқӣ ба хулосаи дуруст омада, нуқтаи зеринро ба ҳимоя пешниҳод мекунад, ки маҳаки ноболиғ эътироф намудани шахс ин синну сол мебошад. Яъне, шахси аз ҳаждаҳсола хурд ноболиғ дониста мешавад. Маъмулан дар адабиёти ҳуқуқӣ зимни истифодаи мафҳуми ноболиғ маъное дар назар дошта мешавад, ки тибқи он таҳти ин мафҳум шахсе эътироф мегардад, ки ба синну соли муайяне, ки бо фарорасии он қонун қобилияти пурраи амалкунии ӯро муқаррар мекунад, нарасидааст. Бо ибораи дигар ноболиғӣ сарҳадест, ки бо гузаштан аз он шахс имконияти амалигардонии ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқиеро, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, дар ҳаҷми пурра пайдо мекунад. Дар қиёс бо мафҳуми «ноболиғ» мафҳуми «хурдсол» вақте истифода мешавад, ки зарурати таваҷҷуҳ ба мукаллафии шахс ҷой дорад, яъне қобилияти шахс вобаста ба дарки хислати рафтор ва идоракунии амалҳои худ мебошад. Минбаъд муаллиф дуруст давом медиҳад: «Қонунгузории гражданӣ асосан дар иртибот бо вазъи ҳуқуқии кӯдак ду мафҳумро истифода мебарад - хурдсол ва ноболиғ. Хурдсол шахсе мебошад, ки ба синни чордаҳ нарасидааст. Ноболиғ шахсест, ки то синни 18 мебошад. Зимни истифодаи таснифи мазкур ҳаҷми имкониятҳо вобаста ба синну сол, инчунин амалигардонии ҳуқуқу уҳдадориҳо вобаста ба омодагии равонии кӯдак ба инобат гирифта шудааст (с.92-93).

Дар боби дуюм - **«Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ»**, ки ба панҷ зербоб тақсим шудааст, муаллиф масъалаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ва оилавӣ, хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ, амсилаи ҳуқуқии ғамхории иҷтимоӣ ва ҳуқуқҳои кӯдак: проблемаҳои ҳамоҳангии манфиатҳои ҳуқуқии хусусӣ ва ҳуқуқии оммавӣ ва проблемаҳои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мутақобилаи падару модар ва фарзандон мавриди баррасии илмӣ қарор додааст.

Дар ин боб муаллиф аз фарзандхонии кӯдак аз ҷониби хориҷиён изҳори ташвиш намудааст. Ба ақиади муаллиф "Манъ кардани фарзандхондии кӯдак аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ, ба фикри мо ба манфиати кӯдаконе мебошад, ки бе парастории падару модар мондаанд, зеро шароити зисти воқеии фарзандхондкунандагон ва ҳолати ҳуқуқии кӯдакон дар хориҷи кишвар ҳамеша ба судҳои ҶТ норавшан аст. Ин ҳолат боиси оқибатҳои манфӣ ва ҳатто фоҷиавӣ шуданаш мумкин аст" (с. 178).

**Боби сеюми** диссертатсия, ки **«Проблемаҳои амалигардии ҳуқуқу уҳдадориҳои кӯдак дар муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқии хусусӣ»** ном дорад, аз чор зербоб таркиб ёфтааст. Муаллиф масъалаҳои ҳуқуқу уҳдадориҳои кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии меросӣ, кӯдак ҳамчун субъекти ҳуқуқҳои ашёӣ ва манзилӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои алиментии кӯдак, ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии кӯдак дар ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ таҳлил кардааст.

Муаллиф махсус ба ҳуқуқҳои манзилии кӯдак аҳамият дода зикр менамояд, ки "Муайян намудани истиқоматгоҳи шаҳрвандро КГ ҶТ бо меъёрҳои қонунгузории манзил ва маъмурӣ вобаста намекунад, аммо дар ҳолатҳои баҳснок ба назар гирифтани сабти қайд ва хусусияти бинои истиқоматӣ (ҳавлӣ, квартира ва ғ.) аҳамияти муҳим дорад. Ибораю категорияҳои арзёбишаванда, аз қабили «доимӣ» ва «бештар» маънои

маъмул дошта, бандубасташон душвор нест. Мантиқӣ ва табиист, ки истиқоматгоҳи ноболиғон ва шаҳрвандони болиғи ғайри қобили амал дар муносибатҳои ҳуқуқии граждании истиқоматгоҳи намояндагони қонунии онҳо эътироф мегардад" (с. 144). Ба ақидаи муаллиф ба кӯдак аз сини 16 солагӣ ҳуқуқи иҷора ва ё соҳибмулк шудан ба манзил иҷозат дода шавад.

Боби чоруми диссертатсия - **«Проблемаҳои ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак»** аз ду зербоб иборат буда, ба омӯзиши нақши мақомоти васояту парасторӣ дар ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ва восита ва механизмҳои ҳуқуқии гражданӣ ва оилавии ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак бахшида шудааст. Дар ин боб муллиф санадҳои меъёрию ҳуқуқии вобаста ба мақомоти дахлдори давлатӣ, ки ба ҳимояи ҳуқуқи кӯдак машғул мебошанд таҳлил карда, ҷиҳати такмили он пешниҳодҳо намудааст. Ҳамзамон таҷрибаи онҳоро низ таҳлил карда, мавқеи худро ҷиҳати пешрафти татбиқи ҳуқуқ дар ин ҷода муайян кардааст.

Дар натиҷаи тадқиқот муаллиф **хулосаи** рисоларо таҳия кардааст, ки дар он натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳоду тавсияҳои муаллиф дар ҳар як боб ва зербобҳо аз рӯи мазмун ва моҳияти рисолаи илмӣ дар маҷмӯъ инъикос ёфтаанд, ифода гардидааст.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола **автореферитро** тибқи талаботи муқаррааргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

Эродҳо ба диссертатсия

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, аз ҷумла:

№1. Дар банди 12 навгониҳо муаллиф кӯдакро аз як тараф "субъекти мустақили ҳуқуқи гражданӣ" аз тарафи дигар "субъекти

махсус” арзёбӣ менамояд. То кадом дараҷа чунин арзёбии ҳуқуқӣ нисбати як субъект дуруст аст?

№2. Мехостем назари муаллифро доир ба таносуби вазъи ҳуқуқии кӯдак ва вазъи ҳуқуқии шахсони аз 18 сола боло, ки қобилияти амалкуниашон маҳдуд карда шудааст ё ғайри қобили амал эътироф шудаанд, шунавем.

№3. Дар пешниҳоди №4 вобаста ба такмили қонунгузорӣ зикр шудааст, ки мафҳуми оила дар қонунгузорӣ пешбинӣ карда шавад. Ин пешниҳодро дастгирӣ кардан душвор аст. Зеро, баъзе мафҳумҳои “бузург” дар қонунгузорӣ набошанд хубтар аст. Масалан, мафҳуми “ҳуқуқ” ҳам дар қонунгузорӣ вуҷуд надорад. Зеро, ҳар мафҳум заҳмати эҷоди як зумра муаллифон аст, на ин ки ақидаи кулли онҳо. Яъне миёни ҳуқуқшиносон ақидаи бебаҳс ёфтан душвор аст. Нисбат ба мафҳуми “оила” таваҷҷӯҳ ва ақидаи олимон хеле зиёд аст ва ҳамаи онҳоро дар як мафҳум муттамарказ кардан ҳам душвор аст. Шояд аз ҳамин хотир аст, ки диссертант мафҳуми муаллифонаи худро роҷеъ ба “оила” дар матни рисола пешниҳод накардааст.

№4. Дар пешниҳоди №5 вобаста ба такмили қонунгузорӣ муаллиф чунин баён менамояд: «Падару модари ноболиғ пас аз расидан ба синни ҳабдаҳсолагӣ уҳдадоранд, ки мустақилона ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модарии худро татбиқ намоянд». Ибораи “ӯҳдадоранд, ки мустақилона уҳдадориҳои падару модарии худро татбиқ намоянд” ба моҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ нест. Саволе ба миён меояд, ки оё шахс уҳдадор аст, ки ҳуқуқашро татбиқ намояд?

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф мароқангез буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намоянд.

**Қисмати хотимавии тақриз – хулоса.** Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзӯъ, муқаддима, бобҳо ва

зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор дар мавзӯи **«Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ»** ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, хусусан бандҳои 74-75 Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯроҳои диссертатсионӣ ва банди 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 қабул шудааст, таҳия ва манзур гардидааст.

**Дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ** **У. А. Меликов**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,**
**734055, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти ½**
**Тел.: 917448535**

**«Имзои У. А. Меликовро тасдиқ мекунам»**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **С.С. Пирзода**